# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40 – ум – нимаи аввали солҳои 90 – уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи ташхиси дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев (раис), доктори илмҳои таърих Ф.М. Абдурашитов (аъзо) ва доктори илмҳои таърих А.Қ. Ҳусайнов (аъзо) ба диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

Муаллифи диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои ҷамъовардашуда ва омӯзиши адабиёти илмии ба мавзуъ мувофиқ буда, рисолаи пурмазмунеро пешниҳод намудааст, ки доираи хронологии он солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX-ро дар бар мегирад.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Номи бобу зербобҳо ба номи диссертатсия мувофиқат карда, паҳлуҳои гуногуни мавзуъро баррасӣ намудаанд. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаву натиҷаҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Аҳамияти омӯзишии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз оиди масъалаи нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон аз солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад. Дар рисола фаъолияти бисёрҷанбаи академик М. Эркаев дар асоси маълумот, сарчашмаҳои нав, ки нахустин бор ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд, таҳлилу баррасӣ шудааст.

Омӯзиши ҳаёту фаъолияти ин олиму омӯзгори забардаст хонандаро ба рушду равнақи илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистони шуравӣ шинос менамояд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар асоси баррасӣ ва таҳлили маводҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмию давлатӣ, сӯҳбат бо намояндагони аҳли илму маорифи ватанӣ, адабиёти илмию мақолаҳои чопшуда, ҳаёту фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ, ҷамъиятӣ - сиёсии академик М. Эркаевро омӯхта, нақши ӯро дар барпо намудан ва инкишофи илму маорифи халқи тоҷик дар давраи нишондодашуда муайян намуда, хулосаи дуруст пешниҳод кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси истифода аз маводҳои бойгонӣ, дигар сарчашмаҳои муътамад, хотираҳои дустон, ҳамкасбон, шогирдон ва адабиёти нашршуда бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ доираи илмии таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он таҳлилу омӯзиши нақши академик Мулло Эркаевро дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба сифати навгонии илмӣ дар диссертатсия бо таври комил масъалаҳои асосии зиндагинома, фаъолияти илмиву омӯзгорӣ, ташкиливу ҷамъиятӣ, саҳми академик М. Эркаев дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ, тайёр намудани мутахассисони илмӣ-педагогӣ мушаххас гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳо, хулосаю пешниҳодҳои он метавонанд аз тарафи идораҳои дахлдори ҳукумату давлатӣ дар таҳияи барномаҳои дурнамои тараққиёти соҳаи маорифи кишвар, бахусус мактабҳои олӣ, дар таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ оиди таърихи маорифи ватанӣ, корҳои илмиву таълимӣ ва тарбиявии ҷавонон, ки касби омӯзгориро пеша намудаанд, истифода шаванд.

Фаъолияти илмию омӯзгории академик Мулло Эркаев дар илми таърихшиносии ватанӣ дар давраи шуравӣ қимати бузурги илмиро доро буданд ва то имрӯз ҷойгоҳи махсусро ба худ касб намуданду баёнгари марҳилаи муайяни таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб мерав静анд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ба хулоса омада, исбот менамоянд, ки ҳоло вақти он расидааст, ки ба таҳлили илмии хизмати воқеии чунин олимону устодон варзидаи халқамон, ба монандӣ, академик М. Эркаев пардохта, ҳаёту фаъолияти меҳнатӣ, муҳаббат ба касб, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, поквиҷдонӣ ва дигар хислатҳои наҷиби онҳоро намунаи ибрат қарор диҳем.

Роҳу усулҳои натиҷабахши таълимию тарбиявӣ, эҳтиром ба касби омӯзгорӣ, муносибат бо шогирдон, дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва ғайра тарбия намудани ҷавононро аз бар намудан мумкин аст.

Қимати таҳқиқоти пешниҳодшуда аз он иборат мебошад, ки фаъолияти бисёрҷанбаи академик М. Эркаев дар асоси маълумот, сарчашмаҳои нав, ки нахустин бор ба гардиши илмӣ ворид шудаанд, таҳлилу баррасӣ шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайяннамудаи КОА тартиб дода шудааст. Рӯйхати маводи бойгонӣ ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯй мебошанд. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

Аз рӯйи гузориши мақсаду вазифаҳо, сарчашмаҳои истифодашуда, асосҳои методологӣ, мубрамии мавзуъ, навгонии илмии ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот рисолаи диссертатсионии мазкур ба ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ буда, ба талаботҳои КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқат дорад.

Автореферати муаллиф ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи ташхис чунин хулоса мекунад, ки рисолаи илмии аз ҷониби Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич таҳияшуда таҳқиқоти илмии ба итмомрасидаю мустақил иҷрошуда мебошад. Муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаашро пурра иҷро намуда, асосиҳои методологӣ, методҳои илмие, ки истифода шудаанд, ба назарияи таърихшиносии кунунӣ ҷавобгӯй мебошанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда аст.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40 – ум – нимаи аввали солҳои 90 – уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ барои ҳимоя қабул карда шаванд.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод мешаванд:

а) Маликов Маҳмуд Ҳакимович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

б) Икромов Ғайбулло Холович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Пирумшоев Ҳ.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Абдурашитов Ф.М.**

**доктори илмҳои таърих** **Ҳусайнов А.Қ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.Қ.**

30.01.2024 с.